


# ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК

**аз солҳои аввали таъсиси донишгоҳ амал менамояд. Дар факултет чор кафедра: адабиёти тоҷик, забони тоҷикӣ, рӯзноманигорӣ, методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик мавҷуд буда, донишҷӯён аз рӯйи 9 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз ҷумла забон ва адабиёти тоҷик, филологияи шарқ (забони форсӣ), фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ- фолклор, рӯзноманигорӣ аз рӯи самтҳо, журналист-тарҷумон, забон ва адабиёт - маърифати оиладорӣ, забон адабиёти тоҷик-забон адабиёти узбек, китобхонашиносӣ, алифбои ниёгон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.**

Дар факултет шуъбаҳои магистратура аз рӯи ихтисосҳои журналистика, филологияи тоҷик ва доктор PhD аз рӯи 2 ихтисос: забон ва адабиёти тоҷик фаъолият менамоянд. Ба донишҷӯёни ихтисосу шуъбаҳои мазкур мутахассисони варзида ва олимону донишмандон, ки аз онҳо 2 нафар доктородни илм, профессорон, 23 нафар номзадҳои илм, дотсентон ва зиёда аз 18 нафар омӯзгорон мебошанд, таълим медиҳанд.

Шароити таълим дар факултет дар асоси санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи илму маориф роҳандозӣ шуда, машғулиятҳо дар синфхонаҳои васеъву замонавӣ бо истифодаи техника ва технологияи муосир баргузор мегарданд. Раванди машғулиятҳо дар асоси низоми таҳсили кредитӣ ҷараён гирифта, муҳассилини факултет дар зинаҳои бакалавр, магистр ва доктор PnD таҳсил менамоянд. Ҳаводорону довталабони ихтисосҳои факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии бохтар ба номи Носири Хусрав хеле зиёд аст.